# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

"29" 05 соли 2023 № 108/ои шаҳри Душанбе

*Дар бораи рад кардани додани дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 17 бандҳои 9 ва 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270), бандҳои 7, 37, 108 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА – 028 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ "Оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.02.01 – Маводшиносӣ (05.02.01.02 – Саноати мошинсозӣ) ба Ахмедов Шарафҷон Абдухалилович" бинобар риоя нагардидани талаботи банди 70 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) бекор ва дар ин асос дархости Шуро рад карда шавад.
2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Ахмедов Шарафҷон Абдухалилович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.02.01 – Маводшиносӣ (05.02.01.02 – Саноати мошинсозӣ) пас аз як соли ба тасвиб расидани фармоиши мазкур ба роҳ монда шавад.
3. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. гузошта шавад.

Асос: хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ – математикӣ ва техникӣ ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6.

Раис Розиқзода А.